Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи "Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи граждани" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03-Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, дохил шудани он қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро баҳо додан мушкил мебошад. Бинобар ин муайян намудан ва ҷорӣ сохтани механизми дурусту самараноки ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави татбиқи муваффақонаи мақсаду вазифаҳои давлат дар соҳаи инноватсия ва ҳуқуқҳои субъективии гражданиии иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо барномаҳои компютерӣ ба таври қавӣ ба ҳаёти ҳаррӯза ворид гардидааст. Дар баробари тараққиёти сатҳи технология, барномаҳои компютерӣ низ инкишоф ёфта, имконият фароҳам оварда мешавад, ки сатҳи мазкур дар ҳаёт татбиқ шавад. Барномаҳо низ ҳамчун технологияҳо боз ҳам мураккаб ва тараққиёфта гардида истодаанд. Миқдори заминаҳои татбиқшаванда, имконоти амалишавӣ, усулҳои коркардӣ ва интишори онҳо пайваста меафзоянд.

Дар айни замон тарафи ҳуқуқии раванди мазкур низ торафт мубрам шуда истодааст. Бояд ишора намуд, ки масъалаи аҳаммиятнокии эътироф ва дар доираи қонунгузории гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани объектҳои нави ҳуқуқи гражданӣ, ки ба он барномаҳои компютерӣ ва дигар дастовардҳои неъматҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд, дар Консепсияи рушди қонунгузории гражданин Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2014 пешбинӣ гардидааст. Дар он омадааст, ки доираи объектҳои ҳуқуқи граждании бо дарназардошти рушди илму техника бояд васеъ карда шаванд. Шахси ба ҷараёни истифодабарии барномаҳои компютерӣ ҷалб шуда ногузир бо категорияҳои мухталифи ҳуқуқӣ бармехӯрад. Ҳар шахсе, ки ба истифодабарӣ ва инчунин бо сохтани барномаҳои компютерӣ машғул мегардад, бо масъалаи ҳифз, истифодабарии қонунӣ ва дурусти барномаҳои компютерӣ, ба даст даровардани фоида аз фурӯши нусхаҳои он ва бисёр дигар масъалаҳо бархурдор мешавад. Мутаассифона, ҳангоми мурочиат намудан ба қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин масъалаҳои ишорагардида дар доираи санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ қайди худро ба пуррагӣ наёфтааст. Дар ин радиф, танзими ҳаматарафаи масъалаи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки боз аҳаммияти амалиро доро буда, таъсири худро аз ҷумла ба иктисодиёт мерасонад.

Аз ин рӯ, аҳаммияти таҳлили шакли амалкунандаи ҳифзи барномаи компютерӣ, ошкор намудани душвориҳову муаммоҳои мавҷуда, имконияти татбиқи шаклҳои гуногун ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо бо дарназардошти дурнамо ва имтиёзоти тавассути омилҳои иқтисодию сиёсӣ фароҳамомада афзуда, роҳҳои интихобу татбиқи онҳо ба вуҷуд меояд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти

гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст ба таври фаррох истифода бурда шаванд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи ҳуқуқи гражданӣ, корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар як қатор конференсияҳои сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ иҷро гардидааст, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири ҳуқуқи гражданӣ, қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри ҳифзи барномаи компютерӣ дар хуқуқи гражданӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасад, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд, аз он чумла, дар пешниҳоди чоруми назариявии худ диссертант қайд намудааст: "Барномаҳои компютерӣ барои дарки бевосита муқаррар нашудаанд. Онҳо метавонанд танҳо дар раванди кори компютер зери назораташон айнан дарк карда шаванд. Ин фаъолият ба муқаррароти истилоҳи «иҷро кардан» пурра мувофиқат мекунад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» гуфта шудааст: «Ба иҷро расонидан – намоиши асар, фонограмма, намоиш, қироат, сурудхонӣ, рақси «зинда» ё тавассути техникаҳо (намоиши телевизионӣ, радио–шунавонӣ, телевизиони кабелӣ ва воситаҳои техникии дигар); намоиши лаҳзаҳои асарҳои муоинашаванда дар пайдарҳамӣ» (саҳ.11). Аз

унвонҷӯ мехостам фаҳмам, ки истифодаи барномаи компютерӣ фаъолият ба муқаррароти истилоҳи «иҷро кардан» пурра мувофиқат мекунад. Ин истилоҳро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» маънидод намояд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи "Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ" қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03- Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети
таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Давлатов М.Н.

Номи пурра: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
WWW: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj

Имзои "М.Давлатов"-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

07.09.2023с